*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 57 (4797) | ДУШАНБЕ, 6 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Ҳамовозӣ ба мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ШАРОИТИ ҲАССОСИ ТАЪРИХӢ



**Дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ки 9-уми марти соли ҷорӣ баргузор шуд, равандҳои байналмилалӣ, вазъияти минтақавӣ ва масъалаҳои дохилии кишвар ба таври дақиқ ва муфассал таҳлилу баррасӣ шуда, як силсила андешаҳо ва дастуру супоришҳои муҳим пешниҳод гаштанд. Барои дарки моҳият ва аҳамияти ин мулоқоти таърихӣ бояд, пеш аз ҳама, ба шароити баргузорӣ ва зарурати дар ин сатҳи олии давлатӣ ташкил намудани он таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Тавре аз мазмуни суханронӣ бармеояд, дидгоҳи Роҳбари давлат дар ин самт бар пояи таҳлили фарогири се сатҳи масъалаҳо, яъне байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ устувор гаштааст.**



Дар мавриди арзёбии вазъияти ҷаҳони муосир Пешвои миллат ба таври дақиқ чунин таъкид намуданд: «Солҳои охир вусъати бесобиқа ёфтани талоши абарқудратҳо барои амалисозии манфиатҳои худ, azнавтақсимкунии дунё, мусаллаҳшавии бошитоб, оғози марҳалаи нави «ҷанги сард», густариши бесобиқаи фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ки мутаассифона, хусусияти динӣ касб намудааст… вазъи ҷаҳонро мураккабу пешгӯйинашаванда гардонида истодааст». Таваҷҷуҳ ба ин хулосаи Пешвои миллат аз ин назар муҳим аст, ки чунин арзёбии вазъияти ҷаҳонӣ аз тарафи Президенти кишвар, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсатмадори бисёр ботаҷрибаи сатҳи байналмилалӣ ироа мешавад. Яъне, дар он расмият, масъулият ва ҳам салоҳият ҷой дорад.

Тадқиқоти илмӣ, таҳлилҳои коршиносӣ ва иттилооти ҷорӣ низ нишон медиҳанд, ки чунин арзёбии вазъияти мураккаби ҷаҳони муосир аз тарафи Роҳбари давлати Тоҷикистон комилан дуруст мебошад. Ба таври мисол, айни ҳол ҳудуди 80 кишвари ҷаҳон даргири ихтилофу низоъҳои гуногун буда, дар ҳудуди 23 кишвар задухӯрдҳои мусаллаҳ ё ноороміҳои дохилӣ идома доранд.

Сатҳи дуюми таҳлил барои шинохти вазъияти имрӯза ва дарки аҳамияти ин мулоқот арзёбии масъалаҳои минтақавӣ мебошад, ки дар ин мулоқот ба таври муфассал ироа шуд. Ин арзёбӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки мураккабшавии вазъияти ҷаҳонӣ ба фазои сиёсию идеологӣ, равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва вазъияти амниятию геополитикии минтақаи мо - Осиёи Марказӣ низ бетаъсир намемонад.

Зимни арзёбии масъалаҳои дохилӣ дар мулоқот, пеш аз ҳама, таъкид гашт, ки «солҳои охир зуҳуроти нороҳатсозандаву нигаронкунандаи таассубу хурофот, тафриқаандозиву ифротгароии динӣ ва дар ин замина, риоя нагардидани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда афзоиш ёфта истодааст» ва «…таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва амалҳои террористии хусусияти динидошта ба омили ташвишовар ва нигаронии ҷиддӣ табдил ёфта истодааст». Чунин хулоса ҳосил шуд, ки «барои сарнавишти минбаъдаи миллати тоҷик омили ифротишавии ҷомеа ва пайвастани шаҳрвандон ба созмонҳои террористии хусусияти динидошта дар шароити кунунӣ низ ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ боқӣ мемонад ва дар сурати пешгирӣ нагардидани ин раванд оқибати ногувор хоҳад дошт». Чунин арзёбии Пешвои миллат аз масъалаҳои дохилии кишвар низ аз расмият, салоҳият ва масъулияти баланд бархӯрдор аст.

Метавон гуфт, ки мулоқоти навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар дар шароити ҳассоси таърихӣ ва дар заминаи муракабшавии як силсила масъалаҳои муҳими ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва дохиликишварӣ баргузор гашт. Ин ҳолат бори дигар аҳамият ва зарурати ин чорабинии муҳими давлатиро нишон медиҳад.

Зимни таҳлили масъалаҳои арзишӣ ва идеологии дохилӣ Пешвои миллат як силсила маълумот ва омори ниҳоят муҳимро дар бораи сатҳи густариши хурофот, бегонашавии миллӣ, идеологияи ифротгароӣ ва рӯ овардани шаҳрвандони кишвар ба гурӯҳҳои террористӣ ироа намуданд, ки ҳар яки он бояд мавриди омӯзиш ва андешаи ҷиддӣ қарор гирад. Аз ҷумла, қайд шуд, ки «дар 10 соли охир дар мамлакат 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ, аз ҷумла 86 амали террористӣ ва сӯиқасд ба он, ошкор ва ба қайд гирифта шуда, 11 ҳолати амали террористӣ ва сӯиқасд ба он пешгирӣ гардидааст» ё «дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон таркондани худ, даст задаанд». Ҳамчунин, чунин омори таконидиҳанда пешниҳод гашт, ки «…зиёда аз ҳазор нафар шахсоне, ки дар кишварҳои хориҷӣ дар задухӯрдҳои мусаллаҳона иштирок кардаанд, кушта шуда, ҳазорон нафари дигар беному нишон гардидаанд» ва «ҳоло 4075 нафар шаҳрвандони кишвар барои содир намудани амалҳои экстремистиву террористӣ дар кофтуков қарор доранд».

Ин маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳақиқат, миқёси густариши хурофоту ифротгароӣ дар ҷомеаи мо ба сатҳи ташвишовар ва ҳатто таҳдидовар расидааст. Бояд дар назар гирифт, ки тафаккур ва барномаҳои гурӯҳҳои ифротгароии насли нав дигар на танҳо ба суботу амнияти кишвар ё тартиботи ҷамъиятӣ, балки ба арзишҳои асосии миллӣ, фарҳангу ҳувияти миллӣ ва ба истиқлоли давлатию давлатдории миллии мо таҳдид доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**Сеюми майи соли 2024 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин баргузор гардид.**

Дар рафти суҳбат масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Россия мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар ин замина масоили ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати корӣ ба таври муфассал муҳокима гардид. Мувофиқа ҳосил шуд, ки ба идораҳои соҳавии ҷонибҳо оид ба бештар фаъол гардонидани кор дар ин самт дастурҳои дахлдор дода шаванд.

Сарварони ҳар ду давлат, ҳамчунин, ҳамоҳангии наздики сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсусро ҷиҳати мубориза бо терроризм, экстремизм ва зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва ҳамзамон, муҳим будани тақвияти минбаъдаи ҳамкории онҳоро таъкид карданд.

Президентҳо, инчунин, оид ба масоили алоҳидаи рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор анҷом доданд. Ҷонибҳо, дар баробари ин, ҷадвали мулоқотҳои наздики дуҷонибаро ҳамоҳанг намуданд.

Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин аз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват карданд, то дар вохӯрии ғайрирасмии сарварони кишварҳои ИДМ ва чорабиниҳо ба муносибати Рӯзи Ғалаба, ки дар шаҳри Москва баргузор хоҳад шуд, иштирок намоянд.

**www.prezident.tj**

* * *

**Хадамоти матбуоти Президенти Федератсияи Россия аз натиҷаҳои ин суҳбати сарварони ҳар ду давлат чунин хабар медиҳад:**

«Масъалаҳои иштироки муштарак дар чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба Рӯзи Ғалаба дар Москва, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он даъват шудаанд, баррасӣ шуд.

Дар фазои корӣ ва созанда доир ба баъзе мавзуъҳои кунунии дуҷониба, аз ҷумла ҳамкорӣ дар мубориза бо таҳдиди террористӣ, инчунин, дар соҳаи муҳоҷират, табодули афкор анҷом пазируфт. Дар ин замина тавофуқ ҳосил шуд, ки механизмҳои ҳамкориҳои байни вазорату идораҳои дахлдор такмил дода шавад.

Ҳамчунин, изҳори итминон карда шуд, ки талошҳои охири неруҳои муайян барои ба таври сунъӣ шиддатнок намудани вазъ дар атрофи муҳоҷирони корӣ ба Россия, аз ҷумла аз Тоҷикистон, воридшаванда якҷоя пешгирӣ карда мешавад ва онҳо наметавонанд муносибатҳои бародаронаи бо вақт санҷидашудаи мардумони ҳар ду давлатро халалдор намоянд».

**АМИТ «Ховар»**



## «DUSHANBE GRAND SLAM 2024»

**Панҷуми май мусобиқаи байналмилалии «Dushanbe Grand Slam 2024» оид ба ҷудо дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ба охир расид. Тоҷикистонро дар ин рӯз 12 ҷудочӣ муаррифӣ намуданд.**

Дар рӯзи охир Темур Раҳимов (дар вазни +100 кг) медали нуқра, Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (дар вазни -90 кг) ва Ҷаҳонгир Маҷидов (дар вазни -100 кг) медалҳои биринҷии мусобиқаро соҳиб гардиданд.

Варзишгарон дар ин мусобиқаи бонуфузи байналмилалӣ ба ҷуз аз медал соҳиби имтиёзҳо дар феҳристи ҷаҳонӣ ва олимпӣ шуданд.

Маблағи умумии ҷоизаҳои мусобиқа 154 ҳазор евроро ташкил медиҳад. Ғолибон бо 5000 евро, барандагони медали нуқра бо 3000 евро ва соҳибони медали биринҷӣ бо 1500 евро сарфароз гардиданд.

Ёдовар мешавем, ки дар аввалин мусобиқаи байналмилалии «Dushanbe Grand Slam 2024» ҷудочиёни Тоҷикистон 7 медалро соҳиб шуданд. Муҳаммадсолеҳ Қувватов (дар вазни - 60 кг) медали тилло, Обид Ҷебов (дар вазни -66 кг) медали нуқра, Муллораҷаб Халифаев (дар вазни - 66 кг) медали биринҷӣ, Беҳрӯзи Хоҷазода (дар вазни -73 кг) медали нуқра, Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (дар вазни - 90 кг) медали биринҷӣ, Ҷаҳонгир Маҷидов (дар вазни -100 кг) медали биринҷӣ ва Темур Раҳимов (дар вазни +100) медали нуқра ба даст овардаанд.

Қобили зикр аст, ки дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе бори аввал дар таърих 3-5 май дар Қасри теннис ва маҷмааи варзишҳои обӣ мусобиқаи байналмилалии ҷудо «Dushanbe Grand Slam 2024» доир гардид. Пешниҳоди Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Федератсияи ҷудои Тоҷикистон дар бораи шурӯъ аз соли 2024 дар пойтахти Тоҷикистон доир намудани яке аз мусобиқаҳои ҷаҳонии «Grand Slam» оид ба ҷудо аз ҷониби Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF) пазируфта шудааст.





Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар рӯзи дуюми мусобиқа - 4 май ба ҳайси меҳмони фахрӣ иштирок карда, ба ғолибони вазни -73кг-и мусобиқаи «Dushanbe Grand Slam 2024» медалҳоро тақдим намуданд.

Бояд гуфт, ки пеш аз Бозиҳои олимпии Париж-2024 барои иштирок дар мусобиқаи «Dushanbe Grand Slam 2024» беҳтаринҳои ҷудои ҷаҳон ба Душанбе омада, барои дарёфти ҷоизаҳо ва имтиёзҳои олимпӣ талош намуданд.

Ба иттилои сомонаи расмии Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF), барои иштирок дар мусобиқаи «Dushanbe Grand Slam 2024» 390 варзишгар аз 65 кишвари панҷ қораи ҷаҳон номнавис шуданд. Инҳо 204 мард ва 186 зан мебошанд, ки аз рӯи 14 вазн барои имтиёзҳои олимпӣ рақобат намуданд.

Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ин мусобиқа 37 варзишгар (28 мард ва 9 зан) дохил шуданд.

Рӯзи аввали мусобиқа - 3 май (ҷумъа) қувваозмоӣ дар вазнҳои - 48 кг, -52 кг, - 57 кг байни занон ва - 60 кг, - 66 кг байни мардон, 4 май (шанбе) дар вазнҳои - 63 кг, - 70 кг байни занон ва -73 кг, - 81 кг байни мардон ва 5 май (якшанбе) дар вазнҳои -78 кг, +78 кг байни занон ва -90 кг, -100 кг, +100 кг байни мардон доир шуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 6 июни соли 2024 музоядаи № 38-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

**- хонаи истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод. Масоҳати замин - 0,03 га, масоҳати бино - 227,1 $м^2$, нархи ибтидоӣ - 314 958 сомонӣ;**

**- хонаи истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Қиблаӣ, деҳаи Чавалай. Масоҳати замин - 0,10 га, масоҳати бино - 352,9 $м^2$, нархи ибтидоӣ - 302 597 сомонӣ;**

**- тарабхона, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, деҳаи Тангаӣ. Масоҳати замин - 0,25 га, масоҳати бино - 164,4 $м^2$, нархи ибтидоӣ - 542 441 сомонӣ;**

**- шипанг (бозорча), воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Чузӣ. Масоҳати замин - 0 га, масоҳати бино - 1000,0 $м^2$, нархи ибтидоӣ - 1 600 000 сомонӣ;**

**- нуқтаи таъмири нақлиёт, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, деҳоти Сабо, деҳаи Қади ҷӯйбор. Масоҳати замин - 0,80 га, масоҳати бино - 1000,0 $м^2$, нархи ибтидоӣ - 1 288 486 сомонӣ;**

**- заводи пахтатозакунӣ, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр, кӯчаи Б.Ғафуров. Масоҳати замин - 10,5 га, масоҳати бино - 6233,0 $м^2$, нархи ибтидоӣ - 6 078 758 сомонӣ;**

**- мағозаи хӯрокворӣ, воқеъ дар ноҳияи Варзоб, деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ. Масоҳати замин - 0,06 га, масоҳати бино - 97,4 $м^2$, нархи ибтидоӣ - 160 564 сомонӣ;**

**- хонаи истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Варзоб, деҳоти Лучоб, деҳаи Дурманбулоқ. Масоҳати замин - 0,14 га, масоҳати бино - 498,0 $м^2$, нархи ибтидоӣ - 257 279 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «АЛИФ БОНК»

**ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДИ УМУМӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5 | 139,591 | 120,025 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5 | (39,064) | (30,870) |
| **Даромади софи фоизӣ то таъсири хароҷот аз руи талафоти қарзӣ** | | **100,527** | **89,155** |
| Ташаккули захира аз руи талафоти қарзӣ | 14 | (7,650) | (2,847) |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **92,877** | **86,308** |
| Даромад аз хизматрасонӣ ва комиссия | 6 | 63,635 | 46,670 |
| Хароҷоти хизматрасонӣ ва комиссия | 6 | (56,061) | (53,335) |
| **Даромад/(зарари) соф аз хизматрасонӣ ва комиссия** | | **7,574** | **(6,665)** |
| Зарари соф аз воситаҳои молиявии деривативӣ | 7 | 624 | (34,022) |
| Даромади соф аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 8 | 29,759 | 108,097 |
| Ташаккули захира аз рӯи амалиёти дигар | 18 | (177) | (266) |
| Дигар даромад | | 759 | 1,126 |
| **Дигар даромади ғайрифоизӣ** | | **30,965** | **74,935** |
| **Даромади амалиётӣ** | | **131,416** | **154,578** |
| Хароҷоти амалиётӣ | 9 | (128,859) | (101,115) |
| **Даромад то андозбандӣ** | | **2,557** | **53,463** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 10 | (3,464) | (10,119) |
| **(ЗАРАРИ)/ФОИДА СОФИ СОЛ** | | **(907)** | **43,344** |
| **(ЗАРАРИ)/ДАРОМАД УМУМИИ СОЛ** | | **(907)** | **43,344** |
| (Зарар)/фоида аз рӯи саҳмия, одӣ ва тақсимшуда (бо сомонӣ) | 25 | (8.2) | 446.4 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Гуланор Атобек**
**Раис**

**Комрон Рустамов**
**Сармуҳосиб**

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ОАО «АЛИФ БАНК» ALIF BANK, OJSC

**ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ ДАР САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | 31 декабри соли 2023 | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 11 | 466,296 | 1,113,561 |
| Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд | 12 | 57,508 | 69,111 |
| Амонатҳои мухлатнок дар дигар бонкҳо | 13 | 4,990 | - |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 14 | 502,200 | 438,842 |
| Воситаҳои асосӣ | 15 | 43,552 | 37,871 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 16 | 27,790 | 26,000 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 17 | 28,648 | 24,230 |
| Дороиҳои андоз аз фоида | 10 | 23,399 | 15,814 |
| Дигар дороиҳо | 18 | 139,285 | 24,803 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **1,293,668** | **1,750,232** |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| УҲДАДОРИҲО: | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 19 | 30,326 | 24,966 |
| Амонатҳои мизоҷон | 20 | 1,015,148 | 1,392,134 |
| Уҳдадориҳои иҷоравӣ | 16 | 34,036 | 29,446 |
| Қарзҳо барои пардохт | 21 | 244 | 86,333 |
| Қарзҳои субординарӣ | 22 | 28,803 | 25,831 |
| Уҳдадориҳои андоз аз фоида | 10 | - | 5,489 |
| Дигар уҳдадориҳо | 23 | 34,305 | 35,687 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **1,142,862** | **1,599,886** |
| САРМОЯ: | | | |
| Сармояи саҳомӣ | 24 | 110,597 | 95,282 |
| Сармояи изофа | | 6,422 | 20,370 |
| Захираҳои умумӣ | | 6,369 | 6,369 |
| Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт | | 240 | 240 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 27,178 | 28,085 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **150,806** | **150,346** |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **1,293,668** | **1,750,232** |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Гуланор Атобек**
**Раис**

**Комрон Рустамов**
**Сармуҳосиб**

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ОАО «АЛИФ БАНК» ALIF BANK, OJSC

# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ ТАҚХ «ҲУМО» ФИЛИАЛИ РАВЗАНАИ ИСЛОМӢ

**ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ. | 31 декабри с. 2023 | 31 декабри с. 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 10 | 149 | 312 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 11 | 1,913 | 3,962 |
| Қарзи дебиторӣ оид ба маблағгузории исломӣ | 12 | 15,620 | 7,349 |
| Воситаҳои асосӣ | 13 | 151 | 109 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 13 | 150 | - |
| Дороиҳои дигар | 14 | 286 | 222 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 18,269 | 11,954 |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| УҲДАДОРИҲО | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 15 | - | 500 |
| Маблағҳои муштариён | 16 | 3,326 | 2,687 |
| Маблағҳои қарзӣ | | 3,273 | - |
| Дигар уҳдадориҳо | 17 | 1,038 | 703 |
| | | 7,637 | 3,890 |
| **ДОРОИҲОИ ХОЛИС** | | | |
| Ҳиссагузориҳо аз Идораи марказӣ | | 8,651 | 7,151 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 1,981 | 913 |
| | | 10,632 | 8,064 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА ДОРОИҲОИ ХОЛИС** | | 18,269 | 11,954 |

**Аз номи роҳбарияти Ширкат:**

**Маюнусов Ф.М.**
Директори генералӣ

**Аббасов А.И.**
Директори молиявӣ

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЙИРЁБИИ САРМОЯ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ. | Ҳиссагузориҳо аз Идораи марказӣ | Фоидаи тақсимнашуда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| Бақия ба 31 декабри соли 2020 | 16 | 4,143 | (96) | 4,047 |
| Ҳиссагузориҳо аз Идораи марказӣ | | 8 | - | 8 |
| Фоида дар давоми сол | | - | 337 | 337 |
| Бақия ба 31 декабри соли 2021 | 16 | 4,151 | 241 | 4,392 |
| Ҳиссагузориҳо аз Идораи марказӣ | | 3,000 | - | 3,000 |
| Фоида дар давоми сол | | - | 671 | 671 |
| Бақия ба 31 декабри соли 2022 | 16 | 7,151 | 912 | 8,063 |
| Ҳиссагузориҳо аз Идораи марказӣ | | 1,500 | - | 1,500 |
| Фоида дар давоми сол | | - | 1,069 | 1,069 |
| Бақия ба 31 декабри соли 2023 | 16 | 8,651 | 1,981 | 10,632 |

**Аз номи роҳбарияти Ширкат:**

**Маюнусов Ф.М.**
Директори генералӣ

**Аббасов А.И.**
Директори молиявӣ

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

29 марти соли 2024
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

## Запрос предложений (Процесс одноконвертных торгов)

**Страна:** Таджикистан

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане

**Название контракта:** «Строительство новых районных центров здоровья в районнах Горного Мастчох, Варзоб, Кушониён и Таджикабад» (Лоты 1; 2; 3; 4)

**Грант №:** D607-TJ

**Ссылка на ПУТ:** MOF/ECDP/RFB/024/1

Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, являющегося исполнительным Агенством Проекта, получил финансирование со стороны Всемирного банка в счет стоимости Проекта раннего детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, Грант D607-TJ и намеревается применить часть средств для осуществления выплат по контрактам на строительство новых районных центров здоровья в районах Горного Мастчох, Варзоб, Кушониён и Таджикабад (Лоты 1; 2; 3; 4).

1. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, настоящим приглашает правомочных Участников торгов к подаче запечатанных Конкурсных предложений на строительство новых районных центров здоровья (Лоты 1; 2; 3; 4): Лот -1 Строительство нового районного центра здоровья в районе Горного Мастчох; Лот - 2 Строительство нового районного центра здоровья в районе Варзоб; Лот - 3 Строительство нового районного центра здоровья в районе Кушониён; Лот-4 Строительство нового районного центра здоровья в районе Таджикабад. Все объекты строительства новых районных центров здоровья предусматривают строительство основных объектов, строительство объектов подсобного и обсуживающего назначения, объектов энергетического хозяйства, транспорного хозяйства и связи, проведение наружных сетей и сооружения водоснабжения, канализации и теплоснабжения, благоустройство и озеленение и т.д.

2. Участники торгов могут подавать Конкурсные предложения по одному или нескольким контрактам, как это дополнительно определено в тендерной документации. Участники торгов, желающие предложить скидки в случае присуждения более одного контракта, могут сделать это при условии, что эти скидки включены в письмо с Конкурсным предложением.

3. Торги будут проводиться в рамках национальных конкурсных закупок с использованием Приглашения к участию в торгах (ПУТ), как указано в «Положениях о закупках для Заемщиков ФИП» Всемирного банка март 2021 («Положения о закупках»), и открыты для всех Участников торгов, как это определено в Положениях о закупках.

4. Заинтересованные правомочные Участники торгов могут получить дополнительную информацию от г-на Маджиди Юсуфа Хайрулло Директора ***Группы реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, по адресу эл. почты info@ecdp.tj*** и ознакомиться с тендерной документацией в рабочее время. ***с 09:00 до 17:00*** **по указанному ниже адресу:** ***г. Душанбе, ул. Шероз 35, 7-ой этаж, здания Министерства финансов Республики Таджикистан.*** Тендерная документация на ***русском языке*** может быть приобретена заинтересованными правомочными Участниками торгов после подачи письменной заявки по указанному ниже адресу на безвозмездной основе.

5. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу ***улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, Отдел по закупкам. Тендерный ящик № 4, город Душанбе Республика*** *Таджикистан,* не позднее 31 мая *2024 г*. Электронные торги не будут разрешены. Запоздалые заявки будут отклонены. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей Участников торгов и всех тех, кто пожелает присутствовать, по указанному ниже адресу ***улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, Отдел по закупкам город Душанбе Республика Таджикистан 31 мая 2024 г. 15:00 по местному времени.***

6. Все Конкурсные предложения должны сопровождаться ***Гарантией обеспечения Конкурсного предложения MOF/ECDP/RFB/024/1 (Лот-1): 99 809,00 сомони MOF/ECDP/RFB/024/1 (Лот-2): 100 311.00 сомони; MOF/ECDP/RFB/024/1 (Лот-3): 104 595,00 сомони; MOF/ECDP/RFB/024/1 (Лот -4): 89 968,00 сомони***

7. «Обращается внимание на Положения о закупках, требующие от Заемщика раскрывать информацию о бенефициарном владении победившего участника торгов в рамках Уведомления о присуждении контракта, используя Форму раскрытия информации о бенефициарной собственности, включенную в тендерный документ.» – не применимо

8. Упомянутый выше адрес(а):

***Офис:*** *Группы реализации Проекта раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане.*

***Имя и должность сотрудника:*** *Маджиди Ю.Х. Директор ГРП РРД*

***Адрес:*** *ул. Шероз 35, 7-ой этаж здания Министерства финансов РТ, г. Душанбе, Республика Таджикистан*

***электронной почты:*** *info@edcp.tj*

***Веб-сайта:*** *Ecdp.tj*

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 421827 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии солимии кӯдакон» | Корҳои таъмирию сохтмонӣ дар МД «Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии солимии кӯдакон» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 12.05.2024 16:15:00 |
| 2 | 421826 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Ниҳоли гулҳо | Озмуни кушод | Мол | 3 | 23.05.2024 15:45:56 |
| 3 | 421828 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №154»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 48 | 23.05.2024 16:20:02 |
| 4 | 421829 | Ширхоргоҳ-кӯдакистони №16 | Хӯрокворӣ, маводи хоҷагидорӣ, мизу курсӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва обкашак | Озмуни кушод | Мол | 28 | 23.05.2024 16:55:55 |
| 5 | 421830 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Себи тару тоза | Озмуни кушод | Мол | 1 | 24.05.2024 09:00:00 |
| 6 | 421832 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 24.05.2024 09:30:00 |
| 7 | 421833 | Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт | Компютерҳои фардӣ ва радиатсия | Озмуни кушод | Мол | 3 | 24.05.2024 09:45:00 |
| 8 | 421834 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти гӯсфанд | Озмуни кушод | Мол | 1 | 24.05.2024 09:50:00 |
| 9 | 421835 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 24.05.2024 10:10:00 |
| 10 | 421838 | Бонки миллии Тоҷикистон | Масолеҳи истеъмолӣ, маҳсулоти нигоҳубин, таҷҳизоти идоравӣ, молҳои хонагӣ ва таҷҳизот, таҷҳизоти мулоим, асбобҳои ошхона, маҳсулоти рӯшноӣ, молҳои барқӣ, мебел, таҷҳизоти садо, портрет ва парчамҳо | Озмуни кушод | Мол | 85 | 24.05.2024 10:15:00 |
| 11 | 421836 | Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт | Либосҳои махсуси корӣ, лавозимот барои либос ва пойафзол | Озмуни кушод | Мол | 6 | 24.05.2024 10:30:00 |
| 12 | 421840 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Гулҳои мавсимӣ барои иншооти азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Мол | 3 | 24.05.2024 11:11:11 |
| 13 | 421839 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи К. Ахмедов» | Асбобҳои дастӣ, молҳои электрикӣ, хоҷагидорӣ ва дафтардорӣ | Озмуни кушод | Мол | 62 | 24.05.2024 15:35:35 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 6-уми июни соли 2024 музоядаи № 8-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволи ҶСК «Фононбонк» ва ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м²) | Қитъаи замин (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷайхун, ҷ/д Истиқлол, д.Телман | 213,0 | --- | 276 346,0 |
| 2 | Бинои маъмурӣ | ноҳияи Файзобод, кӯчаи А. Ҷомӣ 1/2 | 168,1 | --- | 206 972,0 |
| 3 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д Чузӣ, деҳаи Элок | 323,4 | --- | 151 643,0 |
| 4 | Экскаватор | Тамғаи WOLVO, рақами давлатӣ 226 ТА 01 TJ, шаҳри Истаравшан | --- | --- | 450 000,0 |
| 5 | Фермаи комплексӣ | ноҳияи Ҳамадонӣ, Ҷамоати деҳоти Панҷрӯд | 8 672,0 | 30 000,0 | 1 150 000,0 |
| 6 | Мағоза | ноҳияи Вахш, Ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлолият, деҳаи Пахтакор | 135,0 | 200,0 | 127 926,0 |
| 7 | Сехи истеҳсоли коғази ташноб | ш. Бохтар ва Левакант | 976 | --- | 323 981,0 |
| 8 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи М. Мусоев, хонаи №11 | 863,0 | --- | 604 115,0 |
| 9 | Манзили истиқоматӣ | ш. Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, хонаи №13 | 46,4 | --- | 235 924,0 |
| 10 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, ҷ/д Қалъачаи калон, деҳаи Сурхӣ | 110,90 | --- | 232 755,0 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти ягонаи соҳибкорони инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Хушбахти Сафарзода (РМА 046673694, РЯМ 0430219653) додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии хотирааш фискалии гумшудаи тамғаи «Миника 1105 Ф»-и соҳибкори инфиродӣ Хушбахти Сафарзода (РМА 046673694) эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бино, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, бинои 85/3 ба Шарипов Ором Зарифович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши бино, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 11-уми ноябри соли 2008 таҳти Феҳрасти №9Д-2041 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, бинои 85/3 ба Шарипов Ором Зарифович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Юсуф Вафо, бинои 83, хонаи 82 ба Столяров Юрий Анатольевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7-уми июни соли 2007 таҳти феҳрасти №8Д-2740 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Юсуф Вафо, бинои 83, хонаи 82 ба Столяров Юрий Анатольевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Юсуф Вафо, бинои 83, хонаи 82 ба Столяров Юрий Анатольевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Мустафаева Ругия Агабабаевна (РМА 015095851) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО № 0249534, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2020 таҳти қайди №3844 ба Кабирова Гулрухсор Авазхоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Замимаи гумшуда ба дипломи силсилаи ТСИ № 0020907, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов 2-юми майи соли 2021 таҳти қайди 8065 ба Раҳмонов Исмоил Каримович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ ба хоҷагии деҳқонии «Машраб» (роҳбараш Машрабов Аҳтам (РМА 045199559, РЯМ 1230092646) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак, бинои 14, блоки А1, хонаи 99 ба Арбобова Қизлархон Раҳмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, микроноҳияи 192, қитъаи 38 ба Ғаниев Абдусаттор Воҳидович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ № 0680510, ки онро МТМУ №76-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2019 ба Аъламзода Наргис Раҳматбой додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин бо истифодаи якумраи меросии дараҷаи А №0243682, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 2 марти соли 2009 таҳти №105 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол ба Ғайратова Маҳбуба Акрамовна (РМА 037223102) додааст, эътибор надорад.

✓ Ваколатномаи таҳти феҳрасти №5-2669, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14-уми августи соли 2023 ба Маҳкамова Равшаной Бобоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон соли 2023 ба Қурбонов Идибек Назаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи №0943269, ки онро МТМУ №100-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 6 июли соли 2021 ба Пардаева Динора Ҷумаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи БП №650076, ки онро МТМУ № 19-и ноҳияи Ғарм соли 1979 ба Холиқова Таманно додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома, Иқтибос ва муҳри гумшудаи ҶДММ «Ҷаҳонгир И Н» (РМА 030010158, РЯМ 0310002211), ки Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 16-уми ноябри соли 2009 ба қайди давлатӣ гирифтааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Камони савдо» (РМА 010106879, РЯМ 0110030351), ки Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур 17-уми апрели соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 31 майи соли 2024 озмуни №6-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| № т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъйинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю.Б.Исхоқӣ» | ш.Хуҷанд, к. Ҷ. Зокиров 29 | масоҳати 10,2 м² аз ҳисоби ҳудуди бинои хобгоҳ, воқеъ дар микроноҳияи 33 | Савдо | 3600 | 1 сол |
| 2 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к. Ҷ. Расулов 6/7 | утоқи кории №46 бо масоҳати 29 м² аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 20883 | 1 сол |
| 3 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 6/7 | утоқи кории №44 бо масоҳати 22 м² аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 15838 | 1 сол |
| 4 | Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 36 | масоҳати 173,8 м² аз ҳисоби таҳхонаи бинои маъмурӣ | хӯроки умумӣ | 12000 | 1 сол |
| 5 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ 16 | масоҳати 11 м² аз ҳисоби ошёнаи 9-уми бино | маъмурӣ | 5544 | 1 сол |
| 6 | Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | ш. Душанбе, шаҳраки Гипрозем 17 | масоҳати 10,17 м² аз ҳисоби бинои корхона | маъмурӣ | 12000 | 1 сол |
| 7 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов | ш. Душанбе, к. Ҳусейнзода 155 | масоҳати 105,5 м² аз ҳисоби тагхонаи бино | хӯроки умумӣ | 16100 | 1 сол |
| 8 | Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 56 | масоҳати 152,5 м² аз ҳисоби пойгоҳи обу корезӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки М.Турсунзода, деҳаи Истиқлолият | хизматрасонӣ | 12000 | 1 сол |
| 9 | МД «Сирки давлатии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 2 | масоҳати 22 м² аз ҳисоби бинои муассиса | сартарошхона | 5760 | 1 сол |
| 10 | Хоҷагии ёрирасони «Палосс» дар назди Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, шаҳраки Палосс, кӯчаи Вахдат 1 | масоҳати 1656,40 м² аз ҳисоби бино ва иншоотҳои дохили базаи хӯрокаи маҳсулоти кишоварзии бинои №1 ва бинои №2 (яхдонҳои кухна) | истеҳсолӣ | 10000 | 2 сол |
| 11 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Б. Ғафуров | н. Б. Ғафуров, Ҷамоати шаҳраки Ғафуров, к. Мусобекова 20 | масоҳати 286,3 м² аз ҳисоби қисми дуюм ошёнаи бинои маъмурии ИДБЗОБГ | маъмурӣ | 17000 | 5 сол |
| 12 | МД «Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо» | ш. Душанбе, к. Саноӣ 33 | масоҳати 48,95 м² аз ҳисоби ошёнаи якум ва масоҳати 72 м² аз ҳисоби таҳхонаи бино | хизматрасонии тиббӣ | 18200 | 3 сол |
| 13 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш. Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 2 м² аз ҳисоби толори фурудгоҳ | хизматрасонӣ | 2412 | 1 сол |
| 14 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш. Хуҷанд, к. Фурудгоҳ 15 | масоҳати 4 м² аз ҳисоби аэровокзали фурудгоҳ | савдо | 4020 | 1 сол |
| 15 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 6/7 | утоқи кории №15 бо масоҳати 17 м², аз ҳисоби бинои №32А | утоқи корӣ | 6000 | 3 сол |
| 16 | Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 69 | масоҳати 5 м² аз ҳисоби бинои ШБИ РБДА | хизматрасонӣ | 3660 | 1 сол |
| 17 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» | ш.Душанбе, к.Хуҷандӣ 13 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 13 м² | савдо | 6840 | 3 сол |
| 18 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ 16 | масоҳати 1000 м² аз ҳисоби анбори корхона | анбор | 84000 | дар асоси банди 15 ҚҲҶТ №537 аз 02 ноябри соли 2011 бинобар сабаби таъмирталаб будани объекти иҷора ва гузаронидани таъмир, муҳлати иҷора 3 сол, се моҳи аввал аз пардохти маблағи иҷора озод, дигар солҳо бо дарназардошти пардохти маблағи иҷора ба иҷора супорида мешавад |
| 19 | Корхонаи фаръии байниноҳиявии «Бохтаргаз» | ш. Бохтар, к. Осимӣ 6 | автомашинаи махсуси газкашони ГАЗ-52 ва 80 адад зарфҳои газӣ, воқеъ дар қитъаи №1-и ноҳияи Дӯстӣ | хизматрасонӣ | 12000 | 1 сол |
| 20 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нафту газ» | ш. Душанбе, к. Мушфиқӣ 77 | масоҳати 30 м² аз ҳисоби бинои газтақсимкунӣ ва 2 адад зарфи захиравии гази моеъ, воқеъ дар қитъаи №1-и ноҳияи Дӯстӣ | хизматрасонӣ | 6000 | 1 сол |
| 21 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | ш. Душанбе, к. Беҳзод 25 | масоҳати 70 м² аз ҳисоби бинои кинотеатри «Ватан» | савдо ва хизматрасонӣ | 16800 | 1 сол |
| 22 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 31 | масоҳати 1,70 м² аз ҳисоби ҳудуди марказ барои гузоштани таҷҳизоти маблағгузаронӣ | хизматрасонӣ | 3380 | 1 сол |
| 23 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби байналмилалии президентӣ» дар шаҳри Душанбе | ш. Душанбе, к. Карамов 101 | масоҳати 1,5 м² аз ҳисоби ошёнаи якуми бино барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | хизматрасонии бонкӣ | 3000 | 1 сол |
| 24 | Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе | ш. Душанбе, к. Назаршоев 7 | масоҳати 30 м² аз ҳисоби бинои донишгоҳ | хӯроки умумӣ | 12000 | 1 сол |
| 25 | ҶСК «Гулистони Душанбе» | ш. Душанбе, к. Нахимов 64/5а | бинои хобгоҳ бо масоҳати 1235 м² | манзили истиқоматӣ | 30000 | 2 сол |
| 26 | Корхонаи давлатии кишоварзии «Палосс»-и Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, шаҳраки Палосс, кӯчаи Вахдат 1 | масоҳати 2028 м² аз ҳисоби биноҳои №17, 18 | истеҳсолӣ | 13385 | 3 сол |
| 27 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров | ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1 | масоҳати 6,25 м² аз ҳисоби ҳудуди назди бинои таълимии №1 | савдо | 1450 | 1 сол |
| 28 | ҶСК «НБО Роғун» | ш.Роғун, к. Сохтмончиён 40 | масоҳати 9,3 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 3920 | 1 сол |
| 29 | ҶСК «НБО Роғун» | ш.Роғун, к. Сохтмончиён 40 | масоҳати 9,3 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 3920 | 1 сол |
| 30 | Раёсати давлатии оташнишонии вилояти Суғд | вилояти Суғд, ноҳияи Шаҳристон, Қаерма | масоҳати 20 м² аз ҳисоби корхона | техникӣ | 12040 | 1 сол |
| 31 | Ҷамъияти саҳомии навъи кушодаи «Матбуот» | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 37 | масоҳати 4 м² аз ҳисоби бинои истеҳсолии корхона | техникӣ | 2498 | 1 сол |
| 32 | Муассисаи давлатии «Тоҷиктрансстрой» - и ноҳияи Данғара | н. Данғара, к. Зебуниссо | масоҳати 20 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 8424 | 1 сол |
| 33 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 54 | масоҳати 31 м² аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 18650 | 1 сол |
| 34 | МД «Иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолӣ оид ба тармими ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ»-Тоҷик МДМЁ | ш.Душанбе, к. В. Маяковский 33а | масоҳати 18 м² аз ҳисоби корхона | техникӣ | 10850 | 1 сол |
| 35 | Раёсати давлатии оташнишонии вилояти Суғд | вилояти Суғд, ноҳияи Мастчоҳ, д. Бӯстон | масоҳати 18 м² аз ҳисоби корхона | техникӣ | 10836 | 1 сол |
| 36 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х. С. Шерозӣ 16 | масоҳати 34,6 м² аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 12000 | 1 сол |
| 37 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | ш. Душанбе, кӯчаи И.Сомонӣ 59а | масоҳати 4 м² аз ҳисоби ҳудуди муассиса барои гузоштани дӯкон | савдо | 1165 | 1 сол |
| 38 | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Мастонгулов 3 | масоҳати 176 м² аз ҳисоби бинои академия | хӯроки умумӣ | 18800 | 1 сол |
| 39 | МД «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. Маяковский 2 | масоҳати 4 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | хӯроки умумӣ | 1800 | 1 сол |
| 40 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. М.Турсунзода 31 | масоҳати 10 м² аз ҳисоби ҳудуди муассиса | савдо | 6000 | 1 сол |
| 41 | ҶСК «НБО Роғун» | ш. Роғун, к. Сохтмончиён 40 | масоҳати 2 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 850 | 1 сол |
| 42 | ҶСК «НБО Роғун» | ш. Роғун, к. Сохтмончиён 40 | масоҳати 1,5 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 640 | 1 сол |
| 43 | Клуби ҷумҳуриявии варзишӣ-тирандозии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Варзишгарон 5 | масоҳати 10 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 6012 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - шаҳри **Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21. Тел 221-73-74, 221-33-66, шаҳри Бохтар, кӯчаи А. Сино 4, тел:+992 3222 2-77-25 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун **соати $10^{00}$** баргузор мегардад. Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамоянд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон** гирифтан мумкин аст.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 6 майи соли 2024, соати 14:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35055 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97